# СУРАТМАҶЛИСИ № 45
# Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

**аз 02 майи соли 2026** **ш. Душанбе**

**Раисикунанда** – доктори илмҳои фалсафа Хидирзода Махфират Умар.
**Котиби илмӣ** – номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Нарзулло Наимович.

**Раисикунанда:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2024, таҳти №364/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод менамоям, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ).
2. Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Шоназар баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## Қарор қабул карда шуд:

1.Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– муовини ректор оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифат дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ Қурбонзода Зулфия Маҳмаднабӣ;

– ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”, доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6.Санаи ҳимоя 11 июли соли 2026, соати 15:00 таъйин карда шавад.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси
шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа /______________/ Хидирзода М.У.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /______________/ Сангинов Н.Н.